- қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии баъзе синфи функсияҳои аналитикӣ дар давраи воҳидӣ, ки ба воситаи модули бефосилагии махсуси тартиби m-ум дар фазои Бергман B_2 дода шудаанд, ҳисоб карда шудааст;
- усули наздиккунии беҳтарини хаттӣ барои синфи функсияҳои $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$, $p \geq 1$ дар фазоҳои вазндори $B_{p,\gamma}$ ва $L_{p,\gamma},\ p \geq 1$ ёфта шудааст;
- қимати аниқи n-қутрҳои синфи функсияҳо бавоситаи модули бефосилагии бо вазн миёнакардашудаи тартиби олӣ аз ҳосилаи тартиби r-ум дар фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma},\ p \geq 1$ ҳисоб карда шудааст.

Мухтавои ҳимояшавандаи диссертатсия:

- теоремаҳои асосӣ оид ба доимиҳои аниқ дар нобаробариҳои Ҷексон – Стечкин барои модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби олӣ;
- теоремаҳо дар бораи сарҳади аниқи болоии наздиккунии миёнаквадратии баъзе синфи функсияҳои аналитикӣ дар давраи воҳидӣ, ки бавоситаи модули бефосилагии махсуси тартиби m-ум дар фазои Бергман B_2 дода шудаанд;
- теорема оид ба намуди ошкори усули наздиккунии беҳтарини хаттӣ барои синфҳои $W_{p,R}^{(r)}(\Phi),\ p \geq 1$ дар фазоҳои $B_{p,\gamma}$ ва $L_{p,\gamma},\ p \geq 1$;
- теоремаҳо оид ба қимати аниқи n-қутрҳои синфи функсияҳо, ки бавоситаи қимати бо вазн миёнакардашудаи модули бефосилагии ҳосилаи тартиби r-ум дар фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma},\ p \geq 1$.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Рисолаи диссертатсионӣ дорои арзишҳои назариявӣ мебошад. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро метавонанд дар ҳолати функсияи дутағйирёбандаи комплексӣ, ки дар бидавра аналитикӣ мебошад ва ёфтани қимати аниқи квазиқутрҳои колмогоровӣ ва хаттии баъзе синфи функсияҳои тағйирёбандааш комплексӣ аз рӯи нормаи ҳосилаи омехтаи маҳдуд дар фазои вазндори дученакаи Бергман истифода бурда шаванд.

Саҳми шахсии муаллиф. Мӯҳтавои рисола ва натиҷаҳои асосии дифоъшаванда саҳми шахсии муаллифро дар асарҳои нашршуда инъикос мекунанд. Ҳамаи натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ шахсан худи муаллиф ба даст овардааст.

Тасвиби кор. Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ борҳо дар:

- семинари кафедраи „Таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо” ва кафедраи „Таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ” -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии академики АИ ҶТ, профессор М.Ш. Шабозов (Душанбе, солҳои 2015-2020);
- хонишҳои тобистонаи Мактаб-Конференсияи математикии С.Б. Стечкин оид ба назарияи функсияҳо (Душанбе, 15-25 августи соли 2016);
- конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, соли 2016);

- конференсияи илмӣ-байналмилалии „Муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ ва масъалаҳои канории назарияи функсияҳо” (Душанбе, 27-28 феврали соли 2018);
- конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявии „Таҳлили математикӣ ва татбиқи он” (Душанбе, 10-11 июни соли 2019);
- конференсияи илмӣ-байналмилалии „Муодилаҳои интегралии сингулярӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ” (Душанбе, 30-31 января 2020 г.)

муҳокима ва мавриди баррасӣ пешниҳод шуда буданд.

Интишорот. Натиҷаҳои асосии муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар 8 мақола дарҷ гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар нашрияҳои илмии Федератсияи Руссия ва 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд ва рӯйхати онҳо дар охири автореферат оварда шудааст. Аз 8 кори илмӣ 4 мақола ба нашрияҳои тақризшавандаи рӯихати амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия мансуб буда, 4-тояш дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Аз ду мақолаҳои бо ҳамроҳии М.Ш. Шабозов чоп шуда, ба ҳаммуаллиф фақат гузориши масъала ва интихоби усули исботи натиҷаҳо тааллуқ дорад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, феҳристи адабиёти истифодашудаи иборат аз 49 номгӯй ва ҳамагӣ 90 саҳифаи компютериро дар бар гирифта, дар барномаи LaTeX ҳуруфчинӣ шудааст. Барои осонӣ дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо истифода шудааст, ки рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ё формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

Муҳтавои мухтасари диссертатсия

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯъи диссертатсия, мақсади кор, тасвиби кор ва мӯҳтавои мухтасари натиҷаҳои гирифташуда оварда шудааст. Дар боби якуми диссертатсия як қатор масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии миёнаи беҳтарини функсияҳои тағйирёбандааш комплексӣ бавоситаи суммаҳои охирноки Фурйе дар фазои Бергман омӯхта шудаанд.

Параграфи якум ба маълумотҳои умумӣ оид ба фазои Бергман, таърифҳо, ишораҳо ва далелҳои пешакӣ, ки дар оянда истифода бурда мешаванд, бахшида шудааст. Дар рисолаи диссертатсионӣ $\mathbb{N}$ — маҷмӯи ададҳои натуралӣ; $\mathbb{R}_+$ — маҷмӯи ададҳои мусбат; $\mathbb{C}$ — маҷмӯи ададҳои комплексӣ; $U_R := \{z \in \mathbb{C} : |z| < R\}$ — доираи радиусаш $R \geq 1$ дар ҳамвории комплексии $\mathbb{C}$ ва $A(U_R)$ — маҷмӯи функсияҳои дар U_R аналитикӣ мебошанд. Ҳангоми $R = 1$ будан, ба ҷои $A(U_1)$ мухтасаран $A(U)$ менависем.

Дар оянда $D := U = \{z \in \mathbb{C} : |z| < 1\}$ ва $B_2 := B_2(U)$ гузошта, фазои Бергман B_2 функсияҳои $f \in A(U)$ бо нормаи охирноки

$$\|f\|_{B_2} := \left(\frac{1}{\pi}\iint\limits_{(U)} |f(z)|^2 d\sigma\right)^{1/2} = \left(\frac{1}{\pi}\int\limits_0^{2\pi}\int\limits_0^1 \rho|f(\rho e^{it})|^2 d\rho dt\right)^{1/2} < \infty$$

– ро дида мебароем.

Дар параграфи дуюм масъалаҳои наздиккунии миёнаи суммаҳои Фурйеи функсияҳои f, дар соҳаи якалоқаманди $\mathcal{D} \subset \mathbb{C}$ регулярӣ, аз рӯи системаи функсияҳои ортогоналӣ ба фазои $B_2 := B_2(\mathcal{D})$ тааллуқдошта омӯхта шудаанд. Функсияи f аз рӯи системаи функсияҳои $\{\varphi_k(z)\}_{k=0}^{\infty}$ ба қатори Фурйе ҷудо карда мешавад:

$$f(z) \sim \sum_{k=0}^{\infty} a_k(f)\varphi_k(z), \quad a_k(f) = \frac{1}{\pi}\iint\limits_{(\mathcal{D})} f(z)\overline{\varphi_k(z)}d\sigma. \tag{1}$$

Бигузор

$$S_{n-1}(f,z) = \sum_{k=0}^{n-1} a_k(f)\varphi_k(z) \tag{2}$$

— суммаи хусусии тартиби n-уми қатори (1) бошад. Маҷмӯи ҳамаи бисёраъзогиҳои намуди $p_{n-1}(z) = \sum\limits_{k=0}^{n-1} d_k\varphi_k(z)$ – ро бисёраъзогии умумикардашуда меномем, ки дар ин ҷо $d_k \in \mathbb{C}$ — ихтиёри коэффисиентҳои комплексӣ мебошанд.

Леммаи 1.2.1.[10] *Бигузор $f \in B_2$ бошад. Он гоҳ*

$$E_{n-1}(f)_2 = \inf\left\{\|f - p_{n-1}\|_{B_2} : d_k \in \mathbb{C}\right\} = \|f - S_{n-1}(f)\|_{B_2} = \left\{\sum_{k=n}^{\infty} |a_k(f)|^2\right\}^{1/2}, \tag{3}$$

[10]Смирнов В.И., Лебедев Н.А.Конструктивная теория функций комплексного переменного // Наука. – М.Л. 1964.

ки дар ин ҷо $a_k(f)$ — коэффисиентҳои Фурйеи функсияи f, $S_{n-1}(f,z)$ — суммаи хусусии тартиби n-уми қатори (1) буда, ба воситаи баробарии (2) муайян карда шудааст.

Ҳангоми миёнаназдиккунии функсияҳои тағйирёбандааш комплексӣ дар соҳаи якалоқаманди $\mathcal{D}\subset\mathbb{C}$ регулярӣ ба воситаи қаторҳои Фурйе аз руӣ системаи функсияҳои $\{\varphi_k(z)\}_{k=0}^{\infty}$ дар $\mathcal{D}$ ортогоналӣ, масъалаи ёфтани доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексон – Стечкин дар кори илмии[1] омӯхта шудааст. Қайд мекунем, ки ба сифати нобаробариҳои Ҷексон – Стечкин ифодаҳоеро мефаҳманд, ки дар онҳо бузургии наздиккунии беҳтарини функсияҳо бавоситаи зерфазоҳои охирнок дар фазои нормиронидашудаи додашуда ба воситаи модули бефосилагии худи функсия ё ягон ҳосилаи он баҳо дода мешавад. Дар ҳолати муоинашаванда мо усулҳои дар корҳои[3,4,11] овардашударо истифода мебарем. Бигузор

$$T(\xi,\eta;h)=\sum_{k=0}^{\infty}\varphi_k(\xi)\overline{\varphi_k(\eta)}h^k, \tag{4}$$

ки дар ин ҷо $h\in(0,1),(\xi,\eta)\in\mathcal{D}\times\mathcal{D}$ ва баробарии (4) ба маънои наздиккуни дар $B_2(\mathcal{D}\times\mathcal{D})$ фаҳмида мешавад. Дар фазои B_2 оператори

$$F_hf(z)=\frac{1}{\pi}\iint\limits_{(\mathcal{D})}f(\zeta)T(z,\zeta;1-h)d\sigma$$

– ро дида мебароем, ки он оператори умумикардашудаи ғеҷиш номида мешавад.

Дар асоси корҳои[1,3,11] барои функсияи $f\in B_2$ фарқиятҳои охирноки тартиби якум ва тартиби олиро ба монанди ҳолати классикӣ чунин муайян мекунем:

$$\Delta_h^1f(z)=F_hf(z)-f(z)=(F_h-\mathbb{I})f(z),$$
$$\Delta_h^mf(z)=\Delta_h(\Delta_h^{m-1}f(z))=(F_h-\mathbb{I})^mf(z)=\sum_{k=0}^{m}(-1)^{m-k}\binom{m}{k}F_h^kf(z),$$

ки дар ин ҷо

$$F_h^0f(z)=\mathbb{I}f(z)=f(z),\ \ F_h^kf(z)=F_h(F_h^{k-1}f(z)),$$

[11] Шабозов М.Ш., Саидусайнов М.С. Среднеквадратичное приближение функций комплексной переменной рядами Фурье в весовом пространстве Бергмана // Владикавк. матем. журнал. 2018. Т.20. №1. С.86-97.

$k=1,2,...,m;\ m\in\mathbb{N}$, $\mathbb{I}$ — оператори воҳидӣ дар фазои B_2 мебошад.

Бузургии

$$\Omega_m(f;t)_{B_2}=\sup\Big\{\|\Delta_h^m f\|_{B_2}:0<h\le t\Big\}=\left\{\sum_{k=0}^{\infty}[1-(1-t)^k]^{2m}|a_k(f)|^2\right\}^{1/2} \tag{5}$$

– ро модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби m-ум барои функсияи $f\in B_2$ меномем.

Дар параграфи сеюм масъалаи ёфтани доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексон – Стечкин барои модули бефосилагии умумикардашудаи (5) дида баромада шудааст. Бавоситаи $B_2^{(r)}:=B_2^{(r)}(U)$ $(B_2^{(0)}:=B_2(U))$ синфи функсияҳои $f\in B_2$ ишора мекунем, ки барояшон $z^rf^{(r)}\in B_2$ мебошад. Исбот карда шудааст, ки

$$\Omega_m^2(z^rf^{(r)};t)_{B_2}=\sum_{k=r}^{\infty}[1-(1-t)^k]^{2m}\,\alpha_{k,r}^2\,\frac{|c_k(f)|^2}{k+1}.$$

Дар оянда, дар муносибатҳои умумӣ ҳангоми ҳисобкунии сарҳади саҳеҳи болоӣ аз руӣ функсияҳои $f\in B_2^{(r)}$ дар назар дошта мешавад, ки $f\notin\mathcal{P}_r$ аст.

Леммаи 1.3.2. *Барои ҳаргуна ададҳои $n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $n>r\ge s$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\sup_{f\in B_2^{(r)}}\frac{E_{n-1}(z^sf^{(s)})_{B_2}}{E_{n-1}(z^rf^{(r)})_{B_2}}=\frac{\alpha_{n,s}}{\alpha_{n,r}}.$$

Яке аз натиҷаҳои асосии параграфи сеюм теоремаи зерин мебошад.

Теоремаи 1.3.1. *Барои дилхоҳ функсияи $f\in B_2^{(r)}$ ва дилхоҳ ададҳои $n,m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ ва $t\in(0,1)$ нобаробарии намуди Ҷексон – Стечкин*

$$E_{n-1}(f)_{B_2}\le\alpha_{n,r}^{-1}\cdot[1-(1-t)^n]^{-m}\Omega_m\big(z^rf^{(r)},t\big)_{B_2} \tag{6}$$

ҷой дорад, ки он барои ҳар як адади $n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ доимии дар тарафи рости нобаробарии (6) камтар карда намешавад.

Натиҷаи 1.3.1. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи 1.3.1 баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in B_2^{(r)}}\frac{\alpha_{n,r}E_{n-1}(f)_{B_2}}{\Omega_m\left(z^rf^{(r)},t\right)_{B_2}}=\frac{1}{\left[1-(1-t)^n\right]^m},\quad 0<t<1. \tag{7}$$

Дар ҳолати хусусӣ, дар (7) қимати $t=1/n$, $n\in\mathbb{N}$ гузошта меёбем:

$$\sup_{n\in\mathbb{N}}\sup_{f\in B_2^{(r)}}\frac{\alpha_{n,r}E_{n-1}(f)_{B_2}}{\Omega_m\left(z^rf^{(r)},\frac{1}{n}\right)_{B_2}}=\sup_{n\in\mathbb{N}}\left[1-\left(1-\frac{1}{n}\right)^n\right]^{-m}=\left(1-\frac{1}{e}\right)^{-m}. \qquad (8)$$

Қайд мекунем, ки теоремаи 1.3.1 – ро ба таври зерин умумӣ кунонидан мумкин аст.

Теоремаи 1.3.2. *Барои дилхоҳ функсияи $f\in B_2^{(r)}$ ва дилхоҳ ададҳои $n,m\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $n>r\geq s$ ва $t\in(0,1)$ баҳодиҳии зерин ҷой дорад:*

$$E_{n-1}\big(z^sf^{(s)}\big)_{B_2}\leq\frac{\alpha_{n,s}}{\alpha_{n,r}}\cdot[1-(1-t)^n]^{-m}\Omega_m\big(z^rf^{(r)},t\big)_{B_2}. \qquad (9)$$

Барои ҳар як $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $n>r\geq s$ – и қайдкардашуда доимии дар тарафи рости нобаробарии (9) мавҷудбуда, камтар карда намешавад.

Натиҷаи 1.3.2. *Дар асоси шартҳои теоремаи 1.3.2 барои ҳаргуна қимати $s=0,1,2,\cdots,r$, $r\in\mathbb{N}$ ва $t\in(0,1)$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\sup_{f\in B_2^{(r)}}\frac{(\alpha_{n,r}/\alpha_{n,s})E_{n-1}\big(z^sf^{(s)}\big)_{B_2}}{\Omega_m\big(z^rf^{(r)},t\big)_{B_2}}=\frac{1}{[1-(1-t)^n]^m},$$

$$\sup_{n\in\mathbb{N}}\sup_{f\in B_2^{(r)}}\frac{(\alpha_{n,r}/\alpha_{n,s})E_{n-1}\big(z^sf^{(s)}\big)_{B_2}}{\Omega_m\big(z^rf^{(r)},1/n\big)_{B_2}}=\left(1-\frac{1}{e}\right)^{-m}.$$

Натиҷаи асосии параграфи сеюм теоремаи зерин мебошад.

Теоремаи 1.3.3. *Бигузор дилхоҳ ададҳои $n,m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+,n\geq r$, $h\in(0,1)$ буда, q – функсияи вазнӣ дар интервали $(0,h)$ бошад. Он гоҳ барои ҳамаи ададҳои $0<p\leq\infty$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in B_2^{(r)}}\frac{\alpha_{n,r}E_{n-1}(f)_{B_2}}{\left(\int\limits_0^h\Omega_m^p\big(z^rf^{(r)},t\big)_{B_2}q(t)dt\right)^{1/p}}=\frac{1}{\left(\int\limits_0^h\big[1-(1-t)^n\big]^{mp}q(t)dt\right)^{1/p}}.$$

Аз теоремаи 1.3.3 чунин натиҷа мебарояд.

Натиҷаи 1.3.4. *Бигузор ҳамаи шартҳои теоремаи 1.3.3 иҷро шаванд. Он гоҳ*

$$q(t):=n(1-t)^{n-1},\quad n\in\mathbb{N},\ 0<t<1$$

гузошта, барои дилхоҳ $h \in (0,1)$ баробарии

$$\sup_{f\in B_2^{(r)}} \frac{\alpha_{n,r}E_{n-1}(f)_{B_2}}{\left(n\int\limits_0^h \Omega_m^p\left(z^r f^{(r)},t\right)_{B_2}(1-t)^{n-1}dt\right)^{1/p}} = \left\{\frac{mp+1}{\left[1-(1-h)^n\right]^{mp+1}}\right\}^{1/p}$$

– ро ҳосил мекунем. Дар ҳолати хусусӣ, ҳангоми $h = 1/n,\ n \in \mathbb{N}, 0 < p \le \infty$ будан

$$\sup_{n\in\mathbb{N}}\sup_{\in B_2^{(r)}} \frac{\alpha_{n,r}E_{n-1}(f)_{B_2}}{\left(n\int\limits_0^{1/n} \Omega_m^p\left(z^r f^{(r)},t\right)_{B_2}(1-t)^{n-1}dt\right)^{1/p}} = \frac{(mp+1)^{1/p}}{\left(1-\dfrac{1}{e}\right)^{m+1/p}}$$

мешавад. Дар навбати худ барои $p = 1/m,\ m \in \mathbb{N}$ аз баробарии охирин ҳосил мекунем:

$$\sup_{n\in\mathbb{N}}\sup_{f\in B_2^{(r)}} \frac{\alpha_{n,r}E_{n-1}(f)_{B_2}}{\left(n\int\limits_0^{1/n} \Omega_m^{1/m}\left(z^r f^{(r)},t\right)_{B_2}(1-t)^{n-1}dt\right)^{m}} = 2^m\left(1-\frac{1}{e}\right)^{-2m}.$$

Дар параграфи чоруми боби якум нобаробариҳои аниқ исбот карда шудаанд, ки онҳо вобастагии бузургии наздиккунии беҳтарини $E_{n-1}(f)_{B_2}$ функсияҳои f, ки ба синфи $B_2^{(r)}$ тааллуқ доранд, бо $\mathscr{K}$-функсионал Петре нишон медиҳанд. $\mathscr{K}$-функсионале, ки аз рӯи фазоҳои B_2 ва $B_2^{(m)}$ сохта шудааст, муайян мекунем:

$$\mathscr{K}_m(f,t^m)_{B_2} := \mathscr{K}\left(f,t^m;B_2;B_2^{(m)}\right) =$$
$$= \inf\left\{\|f-g\|_2 + t^m\|z^m g^{(m)}\|_2 : g \in B_2^{(m)}\right\}. \qquad (10)$$

ки дар ин ҷо $m \in \mathbb{N},\ 0 < t \le 1$ мебошад. Ҳисоб намудани бузургии характеристикаи экстремалӣ, ки ба тарафи чапи (7) шабоҳат дошта, ба ҷои модули бефосилагии тартиби m-ум (5) $\mathscr{K}$-функсионали (10) – ро дар бар мегирад, масъалаи муҳим мебошад. Яке аз масъалаҳои асосӣ ин исбот намудани эквивалентнокии $\mathscr{K}$-функсионал ва дилхоҳ модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби m-ум мебошад. Дар ҳолати мо эквивалентнокии бузургиҳои нишондодашуда аз муқоисакунии натиҷаҳои теоремаи 1.3.1 ва натиҷаи 1.4.1 -и дар поён оварда шудаанд, бармеояд. Теоремаи зерин ҷой дорад.

Теоремаи 1.4.1. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ – дилхоҳ ададҳои ихтиёрӣ, ки барояшон $n \geq r + m$ мебошад. Он гоҳ муносибати зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in B_2^{(r)}} \frac{\alpha_{n,r} E_{n-1}(f)_{B_2}}{\mathscr{K}_m\left(z^r f^{(r)}, \dfrac{1}{\alpha_{n,m}}\right)_{B_2}} = 1.$$

Натиҷаи 1.4.1. *Дар асоси шартҳои теоремаи 1.4.1, барои $r = 0$ ва дилхоҳ ададҳои $m, n \in \mathbb{N}$, баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in B_2} \frac{E_{n-1}(f)_{B_2}}{\mathscr{K}_m\left(f; \dfrac{1}{\alpha_{n,m}}\right)_{B_2}} = 1. \tag{11}$$

Қайд кардан зарур аст, ки аз муқоисакунии натиҷаи теоремаҳои 1.3.1 ва 1.4.1 ва натиҷаи 1.4.1, муносибати зеринро ҳосил мекунем:

$$\mathscr{K}\left(z^r f^{(r)}, t^m\right)_{B_2} \sim \Omega_m\left(z^r f^{(r)}, t\right)_{B_2},$$

ки дар ин ҷо $m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+, 0 < t < 1$ мебошанд. Аз нобаробарии (11) дар синфи B_2 нобаробарии аниқи намуди Ҷексон – Стечкинро ҳосил мекунем, ки дар он ба ҷои модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби m-ум Ω_m аз $\mathscr{K}$-функсионали (10) истифода бурда шудааст. Бо модули бефосилагии Ω_m дар нобаробарии Ҷексон – Стечкин барои ҳолати $r = 0$ аз (8) фақат баробарии асимптотикии

$$\sup_{f \in B_2} \frac{E_{n-1}(f)_{B_2}}{\Omega_m(f; 1/n)_{B_2}} \sim \left(1 - \frac{1}{e}\right)^{-m}, \quad m \in \mathbb{N}$$

бармеояд.

Дар параграфи панҷуми боби якум қимати аниқи n-қутрҳои баъзе синфи функсияҳо ҳисоб карда шудааст, ки бавоситаи модули бефосилагӣ муайян карда мешаванд. Баъзе таърифҳо ва ишораҳоро меорем, ки дар оянда аз онҳо истифода хоҳем кард.

Бигузор S — курраи воҳидӣ дар фазои B_2; $\Lambda_n \subset B_2$ — зерфазои n-ченака; $\Lambda^n \subset B_2$ — зерфазои ҳамченакаи n; $\mathscr{L} : B_2 \to \Lambda_n$ — оператори хаттии бефосила; $\mathscr{L}^\perp : B_2 \to \Lambda_n$ — оператори хаттии бефосилаи инъикоскунӣ; $\mathfrak{M}$ —

зермаҷмӯи барҷастаи марказӣ-симметрӣ аз B_2 бошанд. Бузургиҳои

$$b_n\big(\mathfrak{M},B_2\big)=\sup\left\{\sup\left\{\varepsilon>0;\ \varepsilon S\cap\Lambda_{n+1}\subset\mathfrak{M}\right\}:\Lambda_{n+1}\subset B_2\right\},$$

$$d_n\big(\mathfrak{M},B_2\big)=\inf\left\{\sup\left\{\inf\left\{\|f-g\|_2:g\in\Lambda_n\right\}:f\in\mathfrak{M}\right\}:\Lambda_n\subset B_2\right\},$$

$$\delta_n\big(\mathfrak{M},B_2\big)=\inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f-\mathscr{L}f\|_2:f\in\mathfrak{M}\right\}:\mathscr{L}B_2\subset\Lambda_n\right\}:\Lambda_n\subset B_2\right\},$$

$$d^n\big(\mathfrak{M},B_2\big)=\inf\left\{\sup\left\{\|f\|_2:f\in\mathfrak{M}\cap\Lambda^n\right\}:\Lambda^n\subset B_2\right\},$$

$$\Pi_n\big(\mathfrak{M},B_2\big)=\inf\Big\{\inf\Big\{\sup\Big\{\|f-\mathscr{L}^{\perp}f\|_2:f\in\mathfrak{M}\Big\}:\mathscr{L}^{\perp}B_2\subset\Lambda_n\Big\}:\Lambda_n\subset B_2\Big\}$$

мувофиқан, *n-қутрҳои бернштейнӣ, колмогоровӣ, хаттӣ, гелфандӣ, проексионии* зермаҷмӯи $\mathfrak{M}$ дар фазои B_2 номида мешаванд. Таърифи синфи функсияҳоеро меорем, ки аз натиҷаҳои теоремаҳои 1.3.1 – 1.4.1, ки дар боло оварда шудаанд, бармеояд. Бигузор $m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ ва $h\in(0,1)$ бошанд. Ба воситаи $W_m^{(r)}B_2(\Phi):=W^{(r)}B_2(\Omega_m;\Phi)$ — синфи функсияҳои $f\in B_2^{(r)}$ ишора мекунем, ки модули бефосилагии умумикардашудаи (5) шарти

$$\Omega_m\big(z^rf^{(r)},h\big)_{B_2}\le\Phi(h)$$

– ро қаноат мекунонад, ки дар ин ҷо Φ — функсияи дар нимтири мусбати $\mathbb{R}:=[0,+\infty)$ ғайриманфӣ, монотонӣ афзуншаванда буда, барояш $\Phi(0)=0$ мебошад. Бигузор $m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$, $h\in(0,1)$, $0<p\le\infty$; $g(t)$ — функсияи вазнӣ дар сегменти $[0,h]$ бошад. Бо символи $W_{2,m,p}^{(r)}(h,q):=W_p^{(r)}B_2(\Omega_m,h;q)$ — синфи функсияҳои $f\in B_2^{(r)}$ – ро ишора мекунем, ки ҳосилаи тартиби r-умашон $z^rf^{(r)}(z)$ шарти

$$\int\limits_0^h\Omega_m^p\big(z^rf^{(r)};t\big)_{B_2}q(t)dt\le1$$

– ро қаноат мекунонад. Қайд мекунем, ки функсияи дар $\mathbb{R}_+$ камнашавандаи Ψ k-мажоранта номида мешавад, агар функсияи $t^{-k}\Psi(t)$ дар $\mathbb{R}_+$ афзуннашаванда буда, $\Psi(0)=0$ аст, $\Psi(t)\to0$ ҳангоми $t\to0$. Ҳангоми $k=1$ будан функсияи Ψ – ро мажоранта меноманд.

Бо символи $W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Psi)$ $(r\in\mathbb{Z}_+,m\in\mathbb{N})$ синфи функсияҳое, ки аз элементҳои $f\in B_2^{(r)}$ иборатанд ва ҳосилаҳои $z^rf^{(r)}(z)$ шарти

$$\mathscr{K}_m(z^rf^{(r)},t^m)_2\le\Psi(t^m),\quad 0<t<1$$

– ро қаноат мекунанд, ишора мекунем. Дар таърифи синфи воридшуда функсияи Ψ мажоранта буда, $B_2^{(0)} \equiv B_2$, $W_2^{(0)}\big(\mathscr{K}_m, \Psi\big) = W_2(\mathscr{K}_m, \Psi)$. Барои зермаҷмӯи ихтиёрии $\mathfrak{M} \subset B_2$ баробарии зеринро менависем:

$$E_{n-1}(\mathfrak{M})_{B_2} := \sup\Big\{E_{n-1}(f)_{B_2} : \ f \in \mathfrak{M}\Big\}.$$

Теоремаи 1.5.1. *Барои дилхоҳ ададҳои $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ ва $h \in (0,1)$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\lambda_n\big(W_m^{(r)}B_2(\Phi), B_2\big) = E_{n-1}(W_m^{(r)}B_2(\Phi))_{B_2} = \alpha_{n,r}^{-1}\big[1-(1-h)^n\big]^{-m}\Phi(h),$$

ки дар ин ҷо $\lambda_n(\cdot)$ — яке аз n-қутрҳои $b_n(\cdot), d_n(\cdot), d^n(\cdot), \delta_n(\cdot), \Pi_n(\cdot)$ мебошад.

Натиҷаи 1.5.1. *Дар асоси шартҳои теоремаи 1.5.1 ҳангоми $h = 1/n$, $n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$ баробарии асимптотикии зерин ҷой дорад:*

$$\lambda_n\big(W_m^{(r)}B_2(\Phi), B_2\big) = E_{n-1}\big(W_m^{(r)}B_2(\Phi)\big)_{B_2} =$$

$$= \frac{1}{\alpha_{n,r}}\left[1-\left(1-\frac{1}{n}\right)^n\right]^{-m}\Phi\left(\frac{1}{n}\right) \sim \big(1-e^{-1}\big)^{-m}\cdot\frac{1}{\alpha_{n,r}}\Phi\left(\frac{1}{n}\right).$$

Дар як қатор корҳо оид ба назарияи наздиккунӣ сарҳадҳои болоӣ барои модулҳои коэффисиентҳои Фурйе барои системаҳои муайяни полиномҳо ортогоналӣ бо вазн додашуда дар синфҳои муайян ёфта шудаанд. Барои синфи функсияҳои дар ин кор воридшуда ҳалли масъалаи мазкур низ барои тадқиқот муфид мебошад.

Теоремаи 1.5.2. *Бигузор $m, n \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $n > r$, $h \in (0,1)$. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup\Big\{|c_n(f)| : f \in W_m^{(r)}B_2(\Phi)\Big\} = \frac{\big[1-(1-h)^n\big]^{-m}}{\alpha_{n,r}\sqrt{n+1}}\Phi(h).$$

Яке аз натиҷаҳои асосии парагарфи панҷум теоремаи зерин мебошад.

Теоремаи 1.5.3. *Бигузор $m \in \mathbb{N}$, $r \in \mathbb{Z}_+$, $0 < p \le \infty$, $h \in (0,1)$, $q(t)$ — функсияи вазнӣ дар сегменти $[0,h]$ бошад. Он гоҳ барои дилхоҳ $n \in \mathbb{N}$ баробариҳои*

$$\lambda_n(W_{m,p}^{(r)}B_2; B_2) = E_{n-1}\big(W_{m,p}^{(r)}B_2; B_2\big) = \alpha_{n,r}^{-1}\left(\int\limits_0^h \big[1-(1-t)^n\big]^{mp}q(t)dt\right)^{-1/p}$$

ҷой доранд, ки дар ин ҷо $\lambda_n(\cdot)$ — яке аз n-қутрҳои дар боло овардашуда мебошад.

Теоремаи 1.5.4. *Бигузор Ψ — мажорантае, ки синфи $W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Psi)$ – ро муайян мекунад, ки дар ин ҷо $m\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{R}_+$ мебошанд. Он гоҳ барои дилхоҳ адади натуралии $n\in\mathbb{N}$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\lambda_n\left(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Psi),B_2\right)=E_{n-1}\left(W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Psi)\right)_{B_2}=\frac{1}{\alpha_{n,r}}\Psi\left(\frac{1}{\alpha_{n,m}}\right).$$

Ба сифати натиҷа аз теоремаи 1.5.4 чунин натиҷа оид ба қимати аниқи модули коэффисиентҳои Фурйе дар синфи функсияҳои дидабаромадашавандаи $W_2^{(r)}\big(\mathscr{K}_m,\Psi\big)$ ҳосил мекунем.

Натиҷаи 1.5.3. *Бигузор $r\in\mathbb{Z}_+,\ m\in\mathbb{N}$ бошанд. Он гоҳ барои ҳаргуна $n\in\mathbb{N}$, баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup\left\{\big|c_n(f)\big|:\ f\in W_2^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Psi)\right\}=\frac{1}{\alpha_{n,r}}\Psi\left(\frac{1}{\alpha_{n,m}}\right).$$

Дар теоремаи 1.5.4, дар ҳолати хусусӣ, қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини $E_{n-1}\big(W^{(r)}(\mathscr{K}_m,\Psi)\big)_{B_2}$ синфи функсияҳои $W_2^{(r)}\big(\mathscr{K}_m,\Psi\big)$ бавоситаи бисёраъзогиҳои комплексӣ аз зерфазои $\mathcal{P}_{n-1}$ ёфта шудааст. Азбаски барои функсияҳои $f\in B_2^{(r)}$, $r\in\mathbb{N}$ ҳосилаҳои пайдарҳами он $z^\nu f^{(\nu)}(z)$, $1\le\nu\le r$ инчунин ба синфи B_2 тааллуқ доранд, он гоҳ тадқиқи рафтори бузургии $E_{n-1}\big(z^\nu f^{(\nu)}\big)_{B_2}$ дар синфи $W_2^{(r)}\big(\mathscr{K}_m,\Psi\big)$ ниҳоят муҳим мебошад. Дар ин ҳолат теоремаи зерин ҷой дорад.

Теоремаи 1.5.5. *Бигузор $r,\nu\in\mathbb{N}$ $(1\le\nu\le r)$ бошад. Он гоҳ барои ихтиёри функсияи дар $B_2^{(r)}$ нобаробарии аниқи намуди Колмогоров*

$$E_{n-1}^2\big(z^\nu f^{(\nu)}\big)_{B_2}\le\frac{\alpha_{n,\nu}}{(\alpha_{n,r})^{\nu/r}}\Big(E_{n-1}(f)\Big)_{B_2}^{1-\nu/r}\left(E_{n-1}\big(z^rf^{(r)}\big)\right)_{B_2}^{\nu/r}$$

ҷой дорад, ки барои функсияи $f_0(z)=z^n\in B_2^{(r)}$ ба баробарӣ мубаддал мешавад.

Дар теоремаи ниҳоии ин параграф сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини муштараки худи функсия ва ҳосилаҳои парйдарҳами он $E_{n-1}\big(z^\nu f^{(\nu)}\big)_{B_2}$ барои синфи функсияҳои $W_2^{(r)}\big(\mathscr{K}_m,\Psi\big)$ ҳисоб карда шудааст.

Теоремаи 1.5.6. *Бигузор* Ψ — *мажорантаи ихтиёрии синфи функсияҳои* $W_2^{(r)}(\mathscr{K},\Psi)$ – *ро муайянкунанда бошад ва* $m\in\mathbb{N},\ r=2,3,\ldots$. *Он гоҳ барои ҳаргуна адади* $n\geq m+r$ *ва дилхоҳ адади натуралии* ν $(1\leq\nu\leq r-1)$ *баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup\left\{E_{n-1}(z^{\nu}f^{(\nu)})_{B_2}:f\in W_2^{(r)}(\mathscr{K},\Psi)\right\}=\frac{1}{\alpha_{n-\nu,r-\nu}}\Psi\left(\frac{1}{\alpha_{n,m}}\right).$$

Дар боби дуввуми рисолаи диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои экстремалии ёфтани усулҳои наздиккунии беҳтарини хаттӣ ва татбиқи онҳо дар масъалаҳои ҳисоб кардани қиматхои аниқи n-қутрҳои гелфандӣ ва хаттӣ ҳал карда шудаанд.

Масъалаҳои ёфтани усули наздиккунии беҳтарини хаттӣ дар фазои муқарраррии Бергман B_p, $1\leq p\leq\infty$ (бе вазн) дар мавридҳои гуногун аз тарафи С.Б.Вакарчук[6], С.Б.Вакарчук ва М.Ш.Шабозов[2], М.Ш.Шабозов ва М.Р.Лангаршоев[12,13] ва дигарон дида баромада шудааст.

Дар параграфи якум маълумотҳои умумӣ оид ба фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma}$, инчунин баъзе ишораҳо ва таърифҳо, ки дар оянда истифода бурда мешаванд, оварда шудааст. Ба воситаи $L_p:=L_p(U),\ 1\leq p<\infty$ фазои банахии функсияҳои тағйирёбандааш комплексии f дар U – ро ишора мекунем, ки нормаи охирноки

$$\|f\|_{L_p}=\left(\frac{1}{2\pi}\iint\limits_{U}|f(z)|^p dxdy\right)^{1/p}=\left(\frac{1}{2\pi}\int\limits_0^1\int\limits_0^{2\pi}\rho|f(\rho e^{it})|^p dtd\rho\right)^{1/p}$$

– ро доранд, ки дар ин ҷо интеграл дар маънои Лебег фаҳмида мешавад.

Бигузор $\gamma(z)$ – ихтиёри функсияи ғайриманфии ченшаванда ва ба нул эквивалентнабударо ишора мекунем, ки дар маҷмӯи U суммиронидашаванда мебошад. Ба воситаи $L_{p,\gamma}\overset{def}{=}L_p(U,\gamma)$, $1\leq p<\infty$ маҷмӯи функсияҳои f-и тағйирёбандааш комплексии дар соҳаи U ишора мекунем, ки барояшон

$$\gamma^{1/p}f\in L_p(U),\ \|f\|_{L_{p,\gamma}}=\|\gamma^{1/p}f\|_{L_p}$$

[12]Шабозов М.Ш., Лангаршоев М.Р. О наилучших линейных методах и значениях поперечников некоторых классов аналитических функций в весовом пространстве Бергмана // ДАН России. 2013. Т.450. №5. С.518-521.

[13]Шабозов М.Ш., Лангаршоев М.Р. О наилучших линейных методах приближения некоторых классов аналитических в единичном круге функций // Сибирский мат. журнал. 2019. Т.60. №6. С.1414-1423.

мебошад.

Таърифи 2.1.2.[9] *Бигузор D – соҳаи дар ҳамвории тағйирёбандааш комплексӣ маҳдуд бошад, $f \in A(D)$, $\gamma(|z|)$ – дилхоҳ функсияи вазнии мусбати дар соҳаи D суммиронидашаванда бошад, ки барояш*

$$\iint\limits_{(D)} \gamma(|z|)|f(z)|^p d\sigma < \infty, \quad 1 \le p \le \infty \tag{12}$$

мебошад, дар ин ҷо $d\sigma$ — элементи масоҳат буда, интеграл ба маънои Лебег фаҳмида мешавад. Маҷмӯи ҳамаи функсияҳои аналитикии $f(z) \in D$, ки барояшон шарти (12) иҷро мегардад, фазои банахиро ташкил медиҳад, ки он фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma}(D)$, $1 \le p \le \infty$ номида мешавад.

Фазои Бергмани $B_{p,\gamma}$ функсияҳои $f(z)$ дар давраи воҳиди $|z| < R$ аналитикиро дида мебароем, ки нормаи охирноки

$$\|f\|_{B_{p,\gamma}} = \left(\frac{1}{2\pi} \int\limits_0^R \int\limits_0^{2\pi} \rho\gamma(\rho) \cdot |f(\rho e^{it})|^p d\rho dt \right)^{1/p} < \infty$$

– ро доранд. Дар ин ҷо $\gamma(|z|)$ — функсияи вазнии мусбати дар доираи $|z| < R$ суммиронидашаванда буда, $d\sigma$ — элементи масоҳат ва интеграл ба маънои Лебег фаҳмида мешавад. Дар кори С.Б.Вакарчук ва М.Ш.Шабозов[2] функсияи вазнии конкретии γ_* дида баромада шудааст, ки вай имконият медиҳад фазои $B_{p,\gamma_*}(U_R)$ – ро ҳосил кунад, ки назар ба функсияи дар U_R аналитикӣ маҳдудиятҳои камтар дошта ба фазои $B_{p,R}$ тааллуқ доранд.

Дар ин параграф таърифи модулҳои бефосилагӣ дар фазоҳои Харди $H_{p,R}(1 \le p \le \infty)$ ва фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma}(1 \le p \le \infty)$ оварда шуда, баъзе мисолҳо оид ба ҳисобкунии конкретии модулҳои бефосилагӣ нишон дода шудаанд.

Бузургии

$$\omega_m(f,t)_{B_{p,\gamma}} = \sup\left\{\|\Delta_m(f,\cdot,\cdot,h)\|_{B_{p,\gamma}} : |h| \le t\right\} =$$

$$= \sup\left\{ \left(\frac{1}{2\pi} \int\limits_0^1 \int\limits_0^{2\pi} \rho\gamma(\rho)|\Delta_m(f;\rho,u,h)|^p d\rho du \right)^{1/p} : |h| \le t \right\},$$

ки дар ин ҷо

$$\Delta_m(f;\rho,u,h)=\sum_{k=0}^{m}(-1)^k C_m^k f\left(\rho e^{i(u+kh)}\right)$$

— фарқияти охирноки тартиби m-уми функсияи $f\left(\rho e^{it}\right)$ аз рӯи аргументи t бо қадами h мебошад, модули интегралии тартиби m-ум номида мешавад.

Дар параграфи дуюм масъалаҳои наздиккунии беҳтарини функсияҳо дар фазои Харди H_p, $1\le p<\infty$ ҳал карда шуда, қиматҳои қутрҳои баъзе синфҳои функсияҳо, дар фазоҳои банахии Харди H_p, Бергман $B_{p,\gamma}$ ва $L_{p,\gamma}$, $1\le p<\infty$ қимати аниқи n-қутрҳои гуногуни синфи $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$, $r\in\mathbb{N}$ функсияҳои дар доираи радиусаш $R\ge 1$ ҳисоб карда шудаанд, ки модули бефосилагии миёнакардашудаи ҳосилаи тартиби r-уми $f^{(r)}\in H_{p,R}$ онҳо бо мажорантаи Φ маҳдуданд. Бигузор $\Phi(t)$, $t\ge 0$ — дилхоҳ функсияи бефосилаи афзуншаванда бошад ва $\Phi(0)=0$ аст. Ба сифати мажоранта функсияи $\Phi(t)$ интихоб намуда, барои ихтиёри $h\in(0,\pi/2]$ синфи функсияҳои

$$W_{p,R}^{(r)}(\Phi)\overset{def}{=}\left\{f\in A(U_R):\ \frac{1}{h}\int_0^h\omega_2(f^{(r)};2t)_{H_{p,R}}dt\le\Phi(h)\right\}$$

– ро дида мебароем. Дар ин ҷо $r\in\mathbb{N},\ 1\le p\le\infty,\ R\ge 1$. Ҳангоми $R=1$ будан $W_{p,1}^{(r)}(\Phi)=W_p^{(r)}(\Phi)$ мегузорем.

Бигузор X — дилхоҳ фазои банахӣ бошад; S — курраи воҳидӣ дар X бошад; $\mathfrak{M}$ — дилхоҳ зермаҷмӯи марказӣ-симметрӣ дар X бошад; $\Lambda_n\subset X$ — зерфазои n-ченакаи хаттӣ; $\Lambda^n\subset X$ — зерфазои ҳамченакаи n бошад; $L: X\to\Lambda_n$ — оператори хаттии бефосила буда X – ро ба Λ_n инъикос мекунад. Наздиккунии маҷмӯи қайдкардашудаи $\mathfrak{M}\subset X$ – ро ба воситаи зерфазои қайдкардашудаи Λ_n – и фазои X ба воситаи бузургии

$$E(\mathfrak{M},\Lambda_n)_X\overset{def}{=}\sup\{E(f,\Lambda_n)_X: f\in\mathfrak{M}\}:=\sup\{\inf\{\|f-\varphi\|_X:\ \varphi\in\Lambda_n\}:\ f\in\mathfrak{M}\}$$

ифода мекунем. Бузургии

$$E(\mathfrak{M},\Lambda_n)_X\overset{def}{=}\inf\left\{\sup\left\{\|f-L(f)\|_X:\ f\in\mathfrak{M}\right\}:\ LX\subset\Lambda_n\right\}\qquad(13)$$

наздиккунии беҳтарини хаттии маҷмӯи $\mathfrak{M}$ аз рӯи элементҳои зерфазои $\Lambda_n\in X$ – ро ифода мекунад. Оператори хаттии $L^*, L^*X\subset\Lambda_n$, агар он мавҷуд бошад ва дар (13) сарҳади аниқи болоиро доро бошад, яъне

$$E(\mathfrak{M}, \Lambda_n)_X = \sup\Big\{\|f - L^*(f)\|_X :\ f \in \mathfrak{M}\Big\},$$

барои $\mathfrak{M}$ усули наздиккунии беҳтарин меноманд. Бигузор

$$(1-\cos x)_* = \{1-\cos x,\ \text{агар}\ 0 \le x \le \pi;\ 2,\ \text{агар}\ x \ge \pi\}$$

бошад.

Теоремаи 2.2.1. *Бигузор $r, n \in \mathbb{N}$, $n > r$ ва мажорантаи $\Phi(h)$ барои ҳаргуна $h \in (0, \pi/2]$ шарти*

$$\frac{\Phi(h)}{\Phi\left(\pi/2(n-r)\right)} \ge \frac{\pi}{\pi-2} \cdot \frac{1}{(n-r)h} \int\limits_0^{(n-r)h} (1-\cos x)_* dx \tag{14}$$

– ро қаноат мекунонад, он гоҳ барои ҳаргуна $1 \le p \le \infty$ баробарии

$$b_n\left(W_p^{(r)}(\Phi); H_p\right) = d_n\left(W_p^{(r)}(\Phi); H_p\right) =$$

$$= E\left(W_p^{(r)}(\Phi); \mathcal{P}_{n-1}\right)_{H_p} = \frac{\pi}{2(\pi-2)} \cdot \frac{1}{\alpha_{n,r}} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2(n-r)}\right),$$

дар ин ҷо

$$\alpha_{n,r} := n(n-1)(n-2)\cdots(n-r+1), \quad n \ge r,\ n, r \in \mathbb{N}$$

ҷой дорад. Маҷмӯи мажорантҳои $\{\Phi\}$, ки шарти (14) – ро қаноат мекунонад, холӣ намебошад.

Дар параграфи сеюми боби дуюм усулҳои наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳои $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$, $R \ge 1$ дар фазоҳои $B_{p,\gamma}$ ва $L_{p,\gamma}$ ёфта шуда, натиҷаҳои теоремаи 2.2.1 барои синфи $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$, $r \in \mathbb{N}$, $1 \le p \le \infty$ барои як қатор n-қутрҳо васеъ гардонида шудааст. Яке аз натиҷаҳои асосии ин параграфро меорем.

Теоремаи 2.3.1. *Бигузор $R \ge 1$, $1 \le p < \infty$, $r \in \mathbb{N}$ ва мажорантаи Φ шарти (14) – ро қаноат кунонад. Он гоҳ барои ҳаргуна адади натуралии $n > r$ баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$b_n\left(W_{p,R}^{(r)}(\Phi); B_{p,\gamma}\right) = b_n\left(W_{p,R}^{(r)}(\Phi); L_{p,\gamma}\right) = d_n\left(W_{p,R}^{(r)}(\Phi); B_{p,\gamma}\right) =$$

$$= d^n \left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); B_{p,\gamma}\right) = d^n \left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); L_{p,\gamma}\right) = \delta_n \left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); L_{p,\gamma}\right) =$$

$$= E\left(W^{(r)}_{p,R}; \overline{\Lambda}_n\right)_{L_{p,\gamma}} = E\left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); \overline{\Lambda}_n\right)_{L_{p,\gamma}} =$$

$$= \sup\left\{\|f - L_*(f)\|_{L_{p,\gamma}} : f \in W^{(r)}_{p,R}(\Phi)\right\} =$$

$$= \frac{\pi}{2(\pi-2)} \cdot \frac{R^{r-n}}{\alpha_{n,r}} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{2(n-r)}\right) \left(\int\limits_0^1 \rho^{np+1}\gamma(\rho)d\rho\right)^{1/p}.$$

Дар ин ҳолат:

1) барои $d_n\left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); L_{p,\gamma}\right)$ *ва* $\delta_n\left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); L_{p,\gamma}\right)$ *зерфазои*

$$\Lambda^*_n \stackrel{def}{=} span\Bigg\{\{z^k\}_{k=0}^{r-1}, \Bigg\{\Bigg[R^{2(n-k)} +$$

$$+\frac{\alpha_{k,r}}{\alpha_{2n-k,r}}\left[\sigma_{k,r}\left(1 - \left(\frac{k-r}{2n-r-k}\right)^2\right) - 1\right]|z|^{2(n-k)}\Bigg] z^k\Bigg\}_{k=r}^{n-1}\Bigg\},$$

ки дар ин ҷо

$$\sigma_{k,r} \stackrel{def}{=} \frac{2(n-r)}{\pi-2} \int\limits_0^{\pi/[2(n-r)]} (1 - \sin(n-r)x)\cos(k-r)x dx, \quad k \geq r$$

аст, барои синфи функсияи $W^{(r)}_{p,R}(\Phi)$ *дар фазои* $L_{p,\gamma}$ *экстремалӣ мебошад;*

2) оператори хатти бефосилаи

$$L^*_{n-1}(f,z) \stackrel{def}{=} \sum_{k=0}^{r-1} c_k(f)z^k +$$

$$+\sum_{k=r}^{n-1}\left\{1 + \frac{\alpha_{k,r}}{\alpha_{2n-k,r}}\left[\sigma_{k,r}\left(1 - \left(\frac{k-r}{2n-r-k}\right)^2\right) - 1\right]\left(\frac{|z|}{R}\right)^{2(n-k)}\right\} c_k(f)z^k$$

барои синфи $W^{(r)}_{p,R}$ *усули наздиккунии беҳтарин дар фазои* $L_{p,\gamma}$ *мебошад;*

3) зерфазои $\Lambda^n_* \stackrel{def}{=} \{f \in B_{p,\gamma} : f^{(k)}(0) = 0,\ k = 0,1,\ldots,n-1\}$ *– барои* n*-қутри* $d^n\left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); B_{p,\gamma}\right)$ *экстремалӣ мебошад;*

4) барои n*-қутри* $b_n\left(W^{(r)}_{p,R}(\Phi); B_{p,\gamma}\right)$ *зерфазои* $\overline{\Lambda}_{n+1} \stackrel{def}{=} span\{1, z, \ldots, z^n\}$ *экстремалӣ мебошад.*

Параграфи охирини боби дуюм, ба ҳисобкунии қимати аниқи сарҳади болоии модули коэффисиентҳои Тейлор барои синфи функсияҳои $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$ бахшида шудааст.

Теоремаи 2.4.1. *Ҳангоми иҷро шудани шартҳои теоремаи 2.3.1 баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup\left\{|c_n(f)| : f \in W_{p,R}^{(r)}(\Phi)\right\} = \frac{\pi}{2(\pi-2)} \cdot \frac{R^{r-n}}{\alpha_{n,r}} \Phi\left(\frac{\pi}{2(n-r)}\right),$$

ки дар ин ҷо $n, r \in \mathbb{N},\ n > r,\ R \geq 1,\ 1 \leq p < \infty$ *мебошанд.*

Хулоса

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ инҳоянд:

- доимиҳои аниқ дар нобаробарии Ҷексон – Стечкин барои модули бефосилагии тартиби олӣ ёфта шудаанд;
- қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии баъзе синфи функсияҳои аналитикӣ дар давраи воҳидӣ, ки бавоситаи модули бефосилагии махсуси тартиби m-ум дар фазои Бергман B_2 дода шудаанд, ҳисоб карда шудааст;
- усули наздиккунии беҳтарини хаттӣ барои синфи функсияҳои $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$, $p \geq 1$ дар фазоҳои вазндори $B_{p,\gamma}$ ва $L_{p,\gamma},\ p \geq 1$ ёфта шудааст;
- қимати аниқи n-қутрҳои синфи функсияҳо бавоситаи модули бефосилагии бо вазн миёнакардашудаи тартиби олӣ аз ҳосилаи тартиби r-ум дар фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma},\ p \geq 1$ ҳисоб карда шудааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ барои функсияи дутағйирёбандаи комплексӣ, ки дар бидавра аналитикӣ мебошад ва ёфтани қимати аниқи квазиқутрҳои колмогоровӣ ва хаттии баъзе синфи функсияҳои тағйирёбандааш комплексӣ аз рӯи нормаи ҳосилаи омехта маҳдуд дар фазои вазндори дученакаи Бергман истифода бурдан мумкин аст.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия нашр шудаанд:

[1-М] Хуромонов Х.М. О поперечниках некоторых классов функций в весовом пространстве Бергмана [Текст] / М.Ш.Шабозов, Х.М.Хуромонов // Известия ТулГУ. Естественные науки. – 2015. – Вып.4. – С.91-106.

[2-М] Хуромонов Х.М. Поперечники некоторых классов функций в весовом пространстве Бергмана [Текст] / Х.М.Хуромонов // Труды международной летней математической Школы – Конференции С.Б. Стечкина по теории функций. – 2016. – С.266-269.

[3-М] Хуромонов Х.М. Некоторые вопросы приближения функций рядами Фурье в пространстве Бергмана [Текст] / Х.М.Хуромонов // Изв. АН РТ. Отд. физ.-мат., хим., геол. и тех. н. – 2017. – №1(166). – С.7-18.

[4-М] Шабозов М.Ш., Хуромонов Х.М. О наилучшем приближении в среднем функций комплексного переменного рядами Фурье в пространстве Бергмана [Текст] / М.Ш.Шабозов, Х.М.Хуромонов // Известия вузов. Математика. – 2020. – №2. – С.74-92.

Дар дигар нашрияҳо:

[5-М] Хуромонов Х.М. О значениях верхних граней модулей коэффициентов Тейлора для некоторых классов функций в пространстве Харди [Текст]/ Х.М.Хуромонов // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорского-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной „25-летию государственной Независимости Республики Таджикистан" (Душанбе, 2016 г.). – С.29-30.

[6-М] Хуромонов Х.М. Некоторые вопросы приближения функций рядами Фурье в пространстве Бергмана [Текст] / Х.М.Хуромонов // *„Дифференциальные и интегральные уравнения с сингулярными коэффициентами* *и краевые задачи теории функции*" – Материалы международной научной конференции, посвященной 90-летию академика АН РТ Михайлова Леонида Григорьевича. (Душанбе, 27-28 февраля 2018 г.) – С.165-168.

[7-М] Хуромонов Х.М. Среднеквадратическое приближение функций комплексного переменного рядами Фурье [Текст] / М.Ш.Шабозов, Х.М.Хуромонов // „*Математический анализ и его приложения*" – Материалы республиканской научной конференции, посвященной 80-летию видного таджикского математика, профессора Бекназара Имомназарова. (Душанбе, 10-11 июня 2019 г.) – С.277-282.

[8-М] Хуромонов Х.М. Приближение в среднем функций комплексного переменного рядами Фурье по ортогональной системе [Текст] / Х.М.Хуромонов // „*Сингулярные интегральные уравнения и дифференциальные уравнения с сингулярными коэффициентами*" – Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию профессора Джангибекова Гулходжа. (Душанбе, 30-31 января 2020 г.). – С.300-304.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Хуромонов Хуромон Мамадамонович дар мавзӯи «Наздиккунии миёнаквадратии функсияҳои аналитикӣ ба воситаи суммаҳои Фурйе дар фазои Бергман ва баъзе масъалаҳои экстремалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.01.01 — таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Вожаҳои калидӣ: *функсияи аналитикӣ, модули бефосилагии умумикардашуда, наздиккунии беҳтарини хаттӣ, фазои вазндори Бергман, сарҳади болоӣ, бисёраъзогии алгебравии комплексӣ, $\mathscr{K}$-функсионали Петре, қутрҳо.*

Мақсади кор. Мақсади тадқиқот аз ҳалли масъалаҳои экстремалии наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини синфи функсияҳои тағйирёбандаашон комплексӣ ба воситаи суммаҳои охирноки Фурйе дар фазои Бергман ва ёфтани усули наздиккунии беҳтарини хаттӣ ва татбиқи он дар масъалаҳои ҳисобкунии қимати аниқи n-қутрҳои гуногун иборат мебошад.

Усулҳои тадқиқот. Дар рисолаи диссертатсионӣ усули Н.П.Корнейчук, яъне баҳодиҳии сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳо бавоситаи зерфазои ченакаш қайдкардашуда ва усули татбиқкардашудаи В.М.Тихомиров аз поён баҳодиҳии қутрҳо дар ихтиёри фазои нормиронидашуда истифода бурда шудааст.

Навигариҳои илмӣ. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия оврдашуда нав мебошанд. Натиҷаҳои асосии зерин ҳосил карда шудаанд:

- доимиҳои аниқ дар нобаробарии Ҷексон – Стечкин барои модули бефосилагии умумикардашудаи тартиби олӣ;
- қимати аниқи сарҳади болоии наздиккунии миёнаквадратии баъзе синфи функсияҳои аналитикӣ дар давраи воҳидӣ, ки бавоситаи модули бефосилагии махсуси тартиби m-ум дар фазои Бергман B_2 дода шудаанд;
- усули наздиккунии беҳтарини хаттӣ барои синфи функсияҳои $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$, $p \geq 1$ дар фазоҳои вазндори $B_{p,\gamma}$ ва $L_{p,\gamma},\ p \geq 1$;
- қимати аниқи n-қутрҳои синфи функсияҳое, ки ба воситаи модули бефосилагии бо вазн миёнакардашудаи тартиби олӣ аз ҳосилаи тартиби r-ум дар фазои вазндори Бергман $B_{p,\gamma},\ p \geq 1$ дода шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Рисолаи диссертатсионӣ дорои арзишҳои назариявӣ мебошад. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро метавонанд дар ҳолати функсияи дутағйирёбандаи комплексӣ, ки дар бидавра аналитикӣ мебошад ва ёфтани қимати аниқи квазиқутрҳои колмогоровӣ ва хаттии баъзе синфи функсияҳои тағйирёбандааш комплексӣ аз рӯи нормаи ҳосилаи омехтаи маҳдуд дар фазои вазндори дученакаи Бергман истифода бурда шаванд.

АННОТАЦИЯ

диссертации Хуромонова Хуромона Мамадамоновича на тему «Среднеквадратическое приближение аналитических функций суммами Фурье в пространстве Бергмана и некоторые экстремальные задачи», представленной на соискание учёной степени кандидата физико-математических наук по специальности 01.01.01 — вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: *аналитическая функция, обобщённый модуль непрерывности, наилучшее линейное приближение, весовое пространство Бергмана, верхняя грань, комплексный алгебраический полином, $\mathscr{K}$-функционал Петре, поперечники.*

Цель работы. Целью исследования является решение экстремальных задач теории среднеквадратического наилучшего приближении функций комплексного переменного конечными суммами Фурье в пространстве Бергмана и отыскания наилучших линейных методов приближения и их приложения в задачах отыскания точных значений различных n-поперечников.

Методы исследования. В работе используется метод Н.П.Корнейчука оценки верхних граней наилучших приближений классов функций подпространством фиксированной размерности и разработанная В.М.Тихомировым оценка снизу поперечников в любом нормированном пространстве.

Научная новизна. Все полученные в диссертационной работе результаты являются новыми. Получены следующие основные результаты:

- точные константы неравенства Джексона – Стечкина для обобщённого модуля непрерывности высшего порядка;
- точные верхние грани среднеквадратичных приближений некоторых классов аналитических в единичном круге функций, задаваемых специальными модулями непрерывности m-го порядка в пространстве Бергмана B_2;
- наилучшие линейные методы приближения для классов $W_{p,R}^{(r)}(\Phi)$ в весовых пространствах $B_{p,\gamma}$ и $L_{p,\gamma}, p \geq 1$;
- точные значения различных n-поперечников классов функций, задаваемых усреднёнными с весом значениями модулей непрерывности высших порядков r-ых производных в весовом пространстве Бергмана$B_{p,\gamma}, p \geq 1$.

Теоретическая и практическая ценность. Работа носит как теоретический, так и практический характер. Результаты диссертационной работы можно использовать в случае функций двух комплексных переменных аналитических в бикруге и отыскании точных значений колмогоровских и линейных квазипоперечников некоторых классов функций комплексных переменных с ограниченными по норме смешанных производных в двумерном весовом пространстве Бергмана.

SUMMARY

of the dissertation Khuromonov Khuromon Mamadamonovich on the topic «The average approximation of analytic functions by Fourier sums in the Bergman space and some extremal problems» submitted for the degree of candidate of physical and mathematical sciences in the specialty 01.01.01 — real, complex, and functional analysis

Key words: *analytic function, generalized modulus of continuity, best linear approximation, Bergman weighted space, upper bound, complex algebraic polynomial, $\mathscr{K}$-functional Petre, widths.*

Work objectives. The work aims to solve extremal problems of the theory of the mean-square best approximation of functions of a complex and variable finite sums of Fourier in Bergman space and identifying the best linear approximation methods and their application in the problems of finding the exact values of various n-widths.

Research methods. In this work, the method of N.P.Korneychuk to estimate the upper bound of the best approximations of classes of functions by a subspace of fixed dimension and the estimation from the bottom of the diameters in any normalized space developed by V.M.Tikhomirov, and all the results obtained in the dissertation work are new.

Scientific novelty. All the results obtained in the thesis are new. The following results were obtained:

- Exact constants in inequalities of Jackson – Stechkin for a generalized modulus of continuity of the highest order;
- Exact upper bounds of mean-square approximations of certain analytic classes in the unit circle of functions defined by special m-order continuity modules in the Bergman space B_2;
- Best linear approximation methods for classes $W^{(r)}_{p,R}(\Phi)$ in weight spaces $B_{p,\gamma}$ and $L_{p,\gamma},\ p \geq 1$;
- Exact values of various n-diameters of classes of functions given by the values of higher-order continuity modules of r-th derivatives averaged with weight in the weighted Bergman space $B_{p,\gamma},\ p \geq 1$.

Theoretical and practical value. The work holds both theoretical and practical character. The results of the dissertation work can be used in the case of functions of two complex variables analytical in a bicircular and finding the exact values of Kolmogorov and linear quasi cross-section of certain classes of functions of complex variables with a bounded in norm and mixed derivatives in a two-dimensional Bergman weight space.